**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди**

**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

**(Суроға: кӯчаи Нахимов 64/14, Душанбе, Ҷумҳурии**

**Тоҷикистон, 734067, Почтаи электронӣ: www.tgfeu.tj)**

**Тақриз**

**Ба автореферати диссертатсияи Наботзода Парниён Ҷумъахон дар мавзуи «Ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)**

Беҳтар кардани дастгирӣ ва танзими бахши иҷтимоӣ дар Тоҷикистон таҳияи стратегияҳоеро ба монанди Консепсияи рушди хизматрасонии иҷтимоӣ (афзалиятнок: дастгирӣ дар вазъиятҳои душвор), Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоӣ то соли 2040 ва Барномаи дастгирии бахши хусусӣ (таъсиси ҷойҳои корӣ, беҳтар кардани некӯаҳволӣ) дар бар мегирад.

Дар шароити муосири ислоҳоти иқтисодӣ ва гузариш ба модели рушди инноватсионӣ, таъминоти молиявии соҳаи иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ) яке аз вазифаҳои калидии давлат ба шумор меравад. Маҳдудияти воситаҳои буҷетӣ тақозо мекунад, ки усулҳои нави маблағгузорӣ, аз ҷумла механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ) васеъ истифода шаванд. Аз ин рӯ, тадқиқоти Наботзода П.Ч., ки ба ошкор намудани ҷанбаҳои молиявии ин механизм нигаронида шудааст, хеле актуалӣ, саривақтӣ ва барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошад.

Аз матни автореферат бармеояд, ки унвонҷӯ ба як қатор натиҷаҳои нави илмӣ ноил гаштааст, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

- Консепсияи муаллифӣ: Муаллиф ҷузъи молиявии ШДБХ-ро ҳамчун механизми иҷрои вазифаҳои иҷтимоии давлат аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда, консепсияи худро пешниҳод намудааст. Дар он ШДБХ ҳамчун «муҳаррики пешбарандаи соҳаи иҷтимоӣ дар шароити муосир» тавсиф меёбад, ки сифати зиндагии аҳолиро бо хароҷоти ҳадди ақал аз буҷет таъмин мекунад.

- Таҳлили амиқ ва SWOT: Тадқиқоти бисёрсоҳавӣ имкон додааст, ки монеаҳо ва омилҳои таъсиррасон ба маблағгузории ШДБХ муайян карда шаванд. Истифодаи таҳлили SWOT барои арзёбии ҳолати кунунии соҳа арзиши методологии корро баланд бардоштааст.

- Таҷрибаи байналмилалӣ: Муаллиф таҷрибаи давлатҳои Иттиҳоди Аврупо, ИМА ва Федератсияи Россияро омӯхта, самаранокии онҳоро дар идоракунии давлатии лоиҳаҳои иҷтимоӣ исбот ва тавсия намудааст.

- Механизми инноватсионӣ: Дар кор механизми инноватсионии маблағгузории ШДБХ таҳия гардида, таъсири иҷтимоию иқтисодии он маҳз барои шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шудааст.

Муаллифи диссертатсия яке аз мавзуъҳои мубрам ва актуалиро мавриди таҳқиқот қарор додааст, ки муҳтавои автореферат фарогири тамоми паҳлӯҳои асоси кор мебошад.

Дар қатори он муваффақиятҳои автореферат баъзе эродҳо низ ҷой доранд ба монандӣ:

1. Дар расми 5. Муаллиф самтҳои маъмултарини татбиқи ШДБХ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон додааст, аммо истифодаи таҷрибаи кадом кишвар ба мо мувофиқ аст, дар автореферат мушаххас зирк нашудааст.

2. Ҳамзамон дар расми 7 механизми рушди инноватсионии хизматрасонии иҷтимоӣ оварда шудааст, ба мақсад мувофиқ мебуд, агар онҳо мушаххас шарҳ дода мешудаанд.

Бояд зикр намуд, ки камбудиҳои мазкур то андозае характери тавсиявӣ дошта, ба инобат гирифтани онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани мантиқу сифати автореферат мусоидат менамояд.

Автореферати диссертатсия тасаввуроти комилро дар бораи кор медиҳад. Таҳқиқоти Наботзода Парниён Ҷумъахон кори мустақил, мукаммал ва дорои аҳамияти калони илмию амалӣ мебошад. Мазмун ва сохтори кор ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ аст.

Муаллифи кор, Наботзода Парниён Ҷумъахон, сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

**Тақриздиҳанда:** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба корҳои тарбия ва иҷтимоии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» **Шарипов С. Ш.**

**Имзои Шарипов С.Ш.- ро тасдиқ менамоям:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ ДДФСТ ба номи М. Турсунзода **Нуридинзода Ф.Б.**

**Суроға:** 734032,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Борбад, 73а
тел: (+992 37) 231-18-27
E-mail: said.sharipov.3344@mail.ru

«___» _____________ соли 2026.